**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14**

# ТАҚРИЗ

*ба автореферати рисолаи номзадии Саидаҳмадов Фаррух Бобоқулович дар мавзӯи «Такмили танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ*

Дар шароити пеш гирифтани сиёсати дарҳои кушод ва рушди ҳамкориҳои минатқашавию афзудани иттиҳодҳои иқтисодию молиявӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дигаргуншавии вазъи ҳамкориҳо дар самти сармоягузорӣ, муаммоҳои танзими сиёсати сармоягузории давлат дар минтақаҳо нақши муҳимро касб менамояд. Хусусан рушди соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун бахши воқеъии иқтисодиёт ва асосии минтақаҳо барои сармоягузорӣ маҳсуб меёбад, сарфи назар аз ин, сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ масъалаи калидӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун яке аз сарчашмаҳои захиравии рушди индустриалии иқтисодиёти кишвар баромад мекунад.

Дар автореферати диссертатсия қайд карда мешавад, ки натиҷаи омӯзиши таҷрибаи ватанию хориҷӣ нишон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷми ғайриқаноатбахш наметавонад бехатарии озуқаворӣи аҳолии мамлакатро таъмин намояд. Барои он ки истеҳсоли қисми зиёди маҳсулоти кишоварзӣ ҳатто барои қонеъ намудани талаботи минималӣ басанда нест. Дар шароити сиёсати дарҳои кушод ва пеш гирифтани сиёсати истеҳсоли воридивазкунанда, муаллиф васеъ намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи мазкурро зарур мешуморад.

Муаллифи автореферат дар такя бо муқарраротиi моддаи 118, зербанди 8-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар автореферат иброз медорад, ки истеҳлоки воситаҳои асоси субъектҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ба талаботҳои стандартҳои байналмиллалӣ ҷавобгӯ набуда, хело муддати тулонӣ давом мекунад – агар арзиши воситаҳои асосӣ аз 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад истеҳлок ҳисоб карда мешавад. Ба ӯ чунин

тачриба бояд дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бартараф карда шуда, тибқи талаботҳои стандартҳои байналмиллалии молиявӣ роҳандозӣ карда шавад.

Баробари нуктаҳои муҳими автореферат, ки аз онҳо ишораҳо кардем, кори илмии муаллиф аз камбудиҳо низ холӣ нест, аз ҷумла:

1) Баъзе аз ҷадвалҳои рақамии дар автореферат нишондодашуда ба пуррагӣ таҳлил карда нашудааст, ки ин ҳолат эътимоднокии хулосаю пешниҳодҳои муаллифро то андозае кам менамояд.

2) Баҳри ҳалли пурраи вазифаҳои дар диссертатсия гузоштагшуда ба манфиати таҳқиқот мебуд агар муаллиф таҷрибаи хориҷиро оиди такмили танзими фаъолияти сармоягузории соҳаи кишоварзии минтақа васеътар истифода менамуд ва онро бо таҷрибаи ватанӣ муқоиса менамуд.

Новобаста аз норасоиҳои ҷойдошта манти рисолаи номзадӣ, таҳлилҳои гузаронидашуда ва хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд ва ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошатшудро ифода менамоянд.
Бинобар ин, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки автореферати рисолаи илмии Саидаҳмадов Фаррух Бобоқулович дар мавзуи «Такмили танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба ҳамаи талаботи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров**

**Исмоилов М.М.**

**Нишонӣ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, танкучаи Мавлонбеков 1.
**Тел:** (+992)92-775-67-55,
Имзои **Исмоилов М.М. –ро** тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
Махсуси ДДХ **ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров** **Наврӯзов Э.**